# ТАҲЛИЛИ ОБРАЗИ ҲОКИМИ ИДЕАЛӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

**Меҳмон Нарзиқулов,**
*муаллими факултети Педагогикаи ДПДС*
**Саломова Райҳона Алижон қизи,**
*донишҷӯи факултети Педагогикаи ДПДС*

Яке аз шоирони бузургу сухансарои номӣ, Абулқосими Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”-и безаволи худ дар пешрафти адабиёти классикии форс- тоҷик нақши бузурге гузоштааст.

“Ҷавонии Фирдавсӣ дар давраи нашъунамои давлати Сомониён, ташаккули халқияти тоҷик, назми классикии тоҷик гузаштааст. Муттаҳидшавии Эрониён дар мубориза баҳри мустақилияти давлатӣ, барои бартараф намудани низоъҳои феодалӣва зулму таадии ҳокимони маҳаллӣ дар Фирдавсӣ фикри офаридани эпопеяи азими “Шоҳнома”-ро ба вуҷуд овард”.[13]

Бинобарон Фирдавсӣ кушид, ки таърихи паҳлавонони Эронро ба риштаи назм кашад. Хати аслии ҳаракати достонҳои “Шоҳнома” ҳамосасароӣ ва саҳнаҳои ҷангу набард адлу инсонпарварӣ, бедодгариву мардумозорӣ, расму оинҳои таърихии он рӯз буда ба Фирдавсӣ иҷозати бештари сухан гуфтанро дар мавзӯъҳои ғайри таърихиро надодааст. Зеро Фирдавсӣ дар замони зиндагии худ шоҳиди бисёр воқеаҳо ва зиддиятҳои ҷамъиятӣ гардид, нисбат ба онҳо мулоҳиза ва нуқтаи назари худро баъзан аз забони қаҳрамонҳои афсонавӣ ва баъзан бевосита дар зимни достонҳо баён кардааст. Ақидаҳои Фирдавсӣ оиди мавқеи табақаҳои ҷамъиятӣ, маҳкуми ҳар гуна ҷабру ҷафогарӣ, дилсӯзӣ нибат ба аҳли касбу ҳунар, зарурати ободонӣ нигоҳ доштани мамлакат, инчунин боз чандин масъалаҳои дигар барои ҷамъияти онрӯза аҳамияти муҳим доштанд.

Ба қавли донишмандони Эронӣ Бегдили “Асри Фирдавсӣ ва ба хусуси мавқеияти таърихии кишвари Эрон дар он даврон, зуҳури марди нерӯманду далеру тавонову пешвою роҳбари фидоӣ ва аз ҷон гузаштаро талаб менамуд. Фирдавсӣ дар кисватичунин марди қиём кард ва ба тарҳи омоли миллӣ дар қолаби достонҳои ҳамосӣ ва паҳлавонӣ, гузашту фидокориро дар мардуми кишвар омӯхт.То тудаҳои васеи мардуми ба худ оянд ва рӯҳи паҳлавонӣ, қаҳрамониву ҷонбозӣ ва меҳанпарастӣ бори дигар дар колбадашон дида шавад. Шояд дар сояи имону ақида ва эътиқоду фидокорӣ ва нисор кардани ҷисму ҷон битавонанд бори дигар оби рафтаро ба ҷӯй боз оранд”.[14]

---

[13] Н.Неъматов. Давлати Сомониён, саҳ. 124

[14] Ғуломҳусайн Бегдилӣ. Чеҳраи Искандар дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомӣ. – Теҳрон: 1369, саҳ. 65

“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ яке аз шоҳкориҳои бузурги адабиёти ҷаҳон шуморида шуда, ҳама аз ҷиҳати шакл ва ҳама аз лиҳози маънову мазмун беназир аст”.[15] Зеро Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”-и худ зиндакунандаи осори халқҳои форс тоҷик ба шумор меравад. Ба қавли Фирдавсӣ агар гӯем: “Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ”. Ин шоҳасар бисёр воқеаҳои афсонавӣ ва ривоятҳои таърихиро дар бар гирифтааст, ки аксарияти ин афсонаву ривоятҳои ба масъалаҳои зиндагӣ ва воқеияти таърихии замони Фирдавсӣ алоқаи ҷудонашаванда дорад.

“Ғояи асосии “Шоҳнома”-ро мубориза барои озодӣ, хушбахтӣ ва осудаҳолии инсонҳо, ғалабаи ақлу дониш бар ҷаҳолат, истиқлолияти ватан ва халқ, мубориза барои ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани давлати ягона ва марказонидашуда нигоҳ доштани давлати ягона ва маказонидашуда нигоҳ доштани ҳокимияти аристократии тоҷик дар мубориза бар зидди истилогарони хориҷӣ, саркашии феодалҳои майда, ҷангҳои хонадонӣ, бадиҳои, ки осоиши халқро вайрон мекунад ва мубориза бар зидди ҳама гуна хоинони мамлакат аст”.[16]

Шоир ҳамеша саодат ва рафҳои тӯдаҳоро дар сулҳу оштӣ, дӯстию бародарӣ, ягонагию якрангӣ мебинад. Фирдавсӣ гаштаю баргашта таъкид мекунад, ки фақат дар сояи накӯкорӣ ва мардумдорӣ ҳар як подшоҳ ба амнияти мутлақ соҳиб мешавад. “Фирдавсӣ образҳои шоҳони одилро барои ҷасурӣ, кушодадилӣ ва боадолатӣ, муҳаббат ба одамони оддӣ ва душманбадбинӣ тавсиф намудааст”.[17] Бинобар офарида шудани як қатор образҳои шоҳи идеалӣ дар “Шоҳнома”-барои Фирдавсӣ аз аҳамият ҳоли набуд ва ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Зеро дар замони Фирдавсӣ миёни оммаи васеи халқ ва қисми пешқадоми аҳли маърифати ҷаъият идеяи нигоҳ доштани якрангии мамлакат ва давлат қувват гирифта буд.

Фирдавсӣ ҳамчун шоири бомаърифату дурандеш бо “Шоҳнома”-и худ дар пеши амирон вазифаи нигоҳ доштани ягонагии мамлакатро гузошта, амирони саркашу ҷоҳилро, ки барои шаъну шарафи шахсии худ кӯшиш намуда мамлакат ва давлатро зери хавфу хатар оварда буданд, сахт маҳкум кардааст:

Агар додгар бошӣ, эй шаҳриёр,
Бимонӣ ба гетӣ яке ёдгор.
Ки ҷовид ҳар кас кунад офарин,
Барон шоҳ, ки обод шуд з-ӯ замин.

---

[15] Шокир Мухтор. Адабиёти тоҷик дар Франсия. – Душанбе: Ирфон, 1985, саҳ. 18

[16] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик, китоби якум, саҳ. 314

[17] Мусо Раҷабов. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ. – Душанбе: Ирфон, саҳ. 84

Фирдавсӣ ҳамчун фарзанди замони худ мамлакатро бе ошҳ тасаввур кардан наметавонист. Ба ақидаи ӯ подшоҳ касест, ки на танҳо давлатро идора мекунад, балки ғамхори халқ ва ташкилкунандаи ободию серию пурист.

Ба ҳар ҷойгаҳ ёрӣ дарвеш бош,
Ҳама род бо мардуми хеш бош.
Бубин нек то дӯстдори ту кист,
Хирадманду андӯҳгусори ту кист.

"Масъалаи оини подшоҳӣ (шоҳи одил ва бомаърифат), сипоҳдорӣ ва қавоиди ҷангу сулҳ ва вобаста ба он , кайфиатҳои раиятпарварӣ, меҳанпарастӣ, истиқлоли миллӣ ва тамаддунхоҳӣ дар қолаби консепсияи бадеии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ сурат гирифтааст".[18]

Абулқосим Фирдавсӣ, ки оғози суханашро бо мисраи "ба номи худованди ҷону хирад" сар мекунад, тамоми фазилатҳои инсониро дар хирадмандӣ дида хирадро тоҷи подшоҳон номидааст. Хирад беҳтарин неъматест, ки Эзид ба инсон ато кардааст. Бинобар ҳар як подшоҳ аз рӯи хираду адолат давлатро бояд идора намояд:

Хирад афсари шаҳриёнрон бувад,
Хирад зевари ном дорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос,
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой,
Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.

Абулқосим Фирдавсӣ дар "Шоҳнома"-и ҷовидонаи худ дар хусуси ҳукмронии зиёда аз панҷоҳ шоҳи афсонавию таърихӣ сухан рондааст. Аз ин ҷост, ки ин асари Ҳакими Тӯси ҳамчун "Китоби шоҳон" маъруфу машҳур аст. "Ситоиши шоҳон дар "Шоҳнома" барқарории давлатдорӣ ва диди эстетикии шоир барои некию хушбахтии ҳаёти мардум ва ободонии мамлакату беҳбудии муҳити иҷтимоӣ зарур буданд ва илеалҳои ахлоқию эстетикӣ баробари инсондӯстӣ, одамгарию адолат бевосита тасдиқи худро ёфтаанд".[19] Албатта, ҳамаи шоҳоне, ки Фирдавсӣ ситоиш кардааст, ба дараҷаи шоҳи одил нарасидаанд. Қисми зиёди онҳо шоҳоние мебошанд, ки ба беадолатию хунхорӣ, мардумфиребию мулквайронкунӣ ва бисёр корҳои зишт машҳур шудаанд.

Ин ҷо мо кӯшиш мекунем, ки онҳо то кадом дараҷа ба пояи баланди давлатдорӣ, илму маърифат, некиву некӯкорӣ, мардӯмдусторӣ ва боз бисёр хислатҳои баланди инсонӣ расидаанд.

[18] Субҳон Амир. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш. Душанбе: 1995, саҳ. 8

[19] Фирӯза Турсунзода. Дар бораи "Шоҳнома". Садои Шарқ,1995, № 1-3, саҳ. 91

Аввалин шахсе, ки тахту тоҷро ба вуҷуд овард, Қаюмарс буд:

Пажӯҳандаи номаи бостон,
Ки аз паҳлавонон занад достон.
Чунин гуфт, к-оинаи тахту кулоҳ
Каюмарс оварду ӯ буд шоҳ.

Каюмарс аввалин шахсест, ки мардумро дар атрофи худ ҷамъ овард, ҳатто ҳайвонҳои ваҳширо низ ром кард:

Даду дом ҳар ҷонвар, к-аш бидид,
Зи гетӣ ба наздики ӯ орамид.

Муҳаммади Балъамӣ дар “Ҳадиси Каюмарс ва подшоҳии ӯ” овардааст: “Мардумонро ихтилоф аст ба кори Каюмарс ва ҳар касе чизе мегӯянд. Гурӯҳони Аҷам гӯянд, ки ин аст, ки Одам гӯянд ва халқ аз ӯст ва ӯро Гилшоҳ хонандӣ, ки аз гил офаридааст ва ба гил подшоҳӣ кард”.[20]

Ибн-ал-Балхӣ (асри 12) дар асари худ “Форснома” қайд мекунад, ки Каюмарс аввал подшоҳе аст, мулки ҷаҳон яксара доштааст. Порсиён гӯянд, ки дорулмулки ӯ Истарх будааст ва дигар асбобҳои таворих гуфтаанд, ки  мақоми ӯ ба Домованд будааст.., гарбгон даъво мекунанд, ки ин Каюмарс одам будааст алайҳиссалом ва порсиён Гилшоҳ хонанд, яъне подшоҳи бузург”.[21]

Ҳарчанд Каюмарс дар “Шоҳнома” образи мифологист, вале то як дараҷа характери реалӣ пайдо кардааст.  Ӯ якҷоя бо мадади тамоми мардум ба муқобили қувваи аҳриманӣ, яъне қувваи бадӣ, ки душмани ашаддии инсоният буд, мубориза беамон мебарад.

Дар давраи ҳукмронии Каюмарс, ки давлатро бо адлу дод ҳукмронӣ мекард, кишвараш чун фасли баҳорон  гул-гул мешукуфт. Аммо ин кишвари зеборо душмани бадкина Аҳриман дида натавонист. Бинобарон роҳи душманӣ пеш гирифта, писари Каюмарс Сиёмарк ҳалок сохт:

Бизад чанг воруна деви сиёҳ,
Дуто андаровард болои шоҳ.
Фиканд он тани шоҳбачча ба хок,
Ба чангол кардаш ҷигаргоҳ, чок.
Сиёмак ба дасти чунон зиштдев
Табаҳ  гашту монд анҷуман бе хидев,

[20] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992, саҳ. 68
[21] Ниг.: С.Саидов. Адабиёти қадим, саҳ. 83

Чу огаҳ шуд аз марги фазанд шоҳ
Зи тимор гетӣ бар ӯ шуд сиёҳ.

Баъди кушта шудани Сиёмак кори бобояшро набераи ӯ Хушанг давом медиҳад. Хушанг чиҳил сол ҳукмронӣ карда, ҳамчун ободкунандаи кишвари худ тасвир ёфтааст. Ихтирои аз санг ҷудо кардани оҳан ва аз он сохтани ҳар гуна асбобҳо, инчунин пайдоиши оташ ва ба он саҷда кардани мардум ба давраи подшоҳии Ҳушанг нисбат дода шудааст.

Бо сабаби пайдоиши оташ Хушанг мардумро ҷамъ оварда, базме орост ва онро ҷашни Сада номид, ки ин баъд аз ӯ ҳамчун ёдгор монд:

Яке ҷашн кард он шабу бода х(в) ард,
Сада номи он ҷашн фархунда кард.
Зи Хушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриён.

Ба қавли Муҳаммад Балъамӣ Ушҳанг (Ҳушанг) подшоҳии ҳама замин бигирифт ва ҷаҳон ободон кард.

Пас аз Хушанг Таҳмурас ба тахт нишаст. Пеш аз ҳама худро вазифадор кард, ки ҷаҳонро аз нерӯҳои аҳриманӣ ва девон тоза бояд кард:

Ҳама мӯбадонро зи лашкар бихонд,
Ба чарбӣ, чи моя, суханҳо биронд,
Чунин гуфт, к-имрӯз ин тахту гоҳ
Маро зебаду тоҷу гурзу кулоҳ.
Ҷаҳон аз бадиҳо бишуям ба рой,
Пас он гоҳ кунам дар кеҳи гирд пой.

Дар даври ҳукронии Таҳмурас тарошидану бофтани пашми ҳайвонҳо ба миён омад ва мардум акнун ба худ либоси мувофиқ дӯхта мепӯшиданд. Ба ҳамаи он ки Таҳмурас ҳамеша ғамхори мардуму тарафдори ободонии кишвар буд, Шедасп ном вазире дошт, ки ӯ ҳамеша подшоҳро ба роҳи рост раҳнамоӣ мекард:

Ханида ба ҳар ҷою Шедасп ном,
Назар ҷуз ба некӣ ба ҳар ҷой гом...
Čари моя буд ахтари шохро
В-аз ӯ банд буд ҷони бадхоҳро.
Ҳама роҳи некӣ намудӣ ба шоҳ,
Ҳама аз ростӣ хости пойгоҳ.

Акнун навбати он расид, ки Тахмурас он ваъдае, ки дода буд , ба ҷо орад. Баъди он, ки ӯ ҳамаи девҳоро ба банд андохт, минбаъд ӯро Таҳмураси девбанд ном

мегирифтанд. Девҳои дар бандшуда аз Таҳмурасп хоҳиш карданд, ки онҳоро накушанд, то ба ӯ ҳунари наверо омӯзанд:

Набиштан ба хусрав биёмӯхтанд,
Дилашро ба дониш барафрӯхтанд.
Набиштан яке на, ки наздики сӣ,
Чӣ румӣ, чӣ тозиву чӣ порсӣ,
Чӣ суғдӣ, чӣ чиниву чӣ паҳлавӣ,
Нигорандаи он кучо бишнавӣ.

Аз рӯи тасвири Фирдавсӣ оиди босавод кунонидани Таҳмурас аз тарафи девон, адабиётшинос Холиқ Мирзозода дуруст қайд мекунад, ки "Дар ин бобат маълумоти Фирдавсӣ характери ғайриилми ва ғайритаърихӣ дорад. Ғайр аз ин агар девон аз Таҳмурас ва қавмҳои ӯ босавод бошанд, пас, онҳо қувваҳои бади ғайри тамаддун нестанд, балки асирони ҳарбие аз олами тамаддунанд, ки шоҳони эронӣ онҳоро асир гирифтаанд".[22]

Пас аз Тармураси девбанд ба сари тахт Ҷамшед нишаст ва ӯ ҳафт сол ҳукмронӣ намуд. Ӯ дар давраи ҳукмронии худ анъанаҳои аҷдодони худро хеле хуб ба роҳ монда буд. Ҷамшед дар давраи подшоҳиаш аслиҳасозӣ, риштани ресмону дӯхтани либос, ҳунаромӯзӣ, табибӣ, бунёди шаҳрҳоро ба роҳ монд.

Ҳамин тавр, замони ҳукмронии Ҷамшед, давраи бетаҳрини ҷамъияти инсонӣ ба ҳисоб рафта ӯ одилтарин подшоҳ буд, ки ҳатто дар замони ӯ одамон бемориро намедонистанд. Ҳама хушбахтона меҳнату зиндагӣ мекарданд: "Замона бад-ӯ шоду ӯ низ шод". [23] Вале аз ин хушбахтии мардуму бо роҳи адлу адолат пеш рафтани давлатдории Ҷамшедро Аҳриман дида натавонист ва монанди абри сиёҳ намоён шуда, дунёи равшани Ҷамшедро ба зулмот табдил дод. Ӯ бо нияти бади худ ба хислату характери Ҷамшед таъсири худро гузаронида, ба табиати ӯ худписандию ҷоҳилиро ҷой дод. Акнун Ҷамшед худро дар ҷаҳон ягона меҳисобид. Ҳатто ӯ мавҷуд будани худоро инкор карда, худро аз худо боло гузошт: "Маро ба худой парастед ва икрор шавед, ки ман худоям. Ҳар ки бигаравад, подоши некуе кунам ва ҳар ки нагаравад, ба оташ бисӯзам".[24]

Манӣ кард он шоҳи яздоншинос,
Зи яздон бупечиду шуд носипос.
Гаронмоягонро зи лашкар бихонд,
Чи моя сухан пеши эшон биронд.
Чунин гуфт бо солхӯрда меҳан,
Ки ҷуз хештанро надонам ҷаҳон.
Ҳунар дар ҷаҳон аз ман омад падид,

---

[22] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик, Саҳ. 320

[23] Ҳамон асар, саҳ. 61

[24] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, саҳ. 79

Чу ман номвар тахти шоҳӣ надид.
Ҷаҳонро ба хубӣ ман оростам,
Ҷаҳон гаш гетӣ, ки ман хостам.

Дар натиҷа шоҳи одилу тавоно аз мағрурӣ ва худхоҳӣ ба ҷое расид, ки мардум аз вай рӯй гардониданд ва ин боиси ба сари тахт нишастани Заҳҳоки золим гардид. “Бо вуҷуди ин, образҳои Ҷамшед дар тасаввуроти Пешдодиён мисли Каюмарс аввалин инсони бузургу тавоноест, ки ба муқобили девҳо ва Аҳриман мубориза қаҳрамонона бурдааст. Амалиёти Каюмарс ва Ҷамшед мубориза некию бадӣ, рӯшноиву торикӣ ва ғайраро акс кунонидааст”.[25]

Баъди ҳазор соли ҳукмронии ваҳшиёнаи Зоҳҳок ба тахт шоҳ Фаридун нишаст. Халқаи азияткашида ӯро сарнагункунандаи шоҳи золим, ситамгар ва озодкунанда аз салттанати бегонагон медонист, зеро ҷаҳони тираву торик бо омадани Фаридун равшан гардид:

Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,
Гирифтанд ҳар як роҳи эзадӣ.
Дил аз довариҳо бипардохтанд,
Ба оини кай Ҷашни нав сохтанд.

Халқи ҷафокашида ин ғалабаи Фаридунро бар истилогарону ситамгорони аҷнабӣ пешвоз гирифта, рӯзи ба тахти шоҳи нишастани Фаридунро, ки моҳи Меҳр буд, ҳамчун рӯзи муборак донистанд ва ӯро табрик мекарданд.

Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи Меҳр,
Бикӯшу ба ранҷ эҷ манмой чехр.

Ҳамин тавр, мардум ҳар сол ин рӯзи муборакро бо номи Меҳргон ҷашн мегирифтанд. Гулханҳо афрӯхта, рақсу бозӣ мекарданд.

Фирдавсӣ дар образи Фаридун поктинавӣ, тавоноӣ, нотарсӣ, ҷасорату далериро моҳирона ба тасвир додааст. Ҳамаи ин хислатҳои Фаридун дар рафти мубориза ба муқобили Заҳҳоки хунхор намоён шудаанд. Ба фикри устод Аҳмади Шомлу Фаридун аз хонаводаи салтанатест ва ба қавли Фирдавсӣ фарри шоҳаншоҳӣ дорад, яъне хуни салтанатӣ дар рагҳояш ҷорист”.[26] Аз тарафи дигар Фаридун ба халқ такя намуда, Заҳокро мағлуб сохт.

Фирдавсӣ фаридунро на барои он таърифу тавсиф мекунад, ки вай аз авлоди шоҳзодагон аст, балки ӯро барои адолатпарварӣ ва

[25] С.Саидов. Адабиёти қадим, саҳ. 89

[26] Аҳмади Шомлу. Адабиёт чи кадр осебпазир аст. Маҷ. Фарҳанг, 1992, № 5-6, саҳ. 47

некухоҳиаш зеби тахти подшоҳӣ шуморидааст. “Фаридун, ки олитарин намунаи ин гуна шаҳриёр дар “Шоҳнома” аст, касест, ки шаҳриёриаш бештар вобастаи ҳунарҳои худи ӯст, то зодаи пайвандҳои хуниаш бо хонадонҳои шаҳриёрӣ.Ба ҳамин далел Фирдавсӣ дар бораи ӯ мегӯяд”.[27]

Фаридуни фаррух фаришта набуд
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
Ба доду деҳиш ёфт он некӯӣ,
Ту доду деҳиш кун, Фаридун туӣ.
Фаридун зи коре ки кард эзадӣ,
Нахустин ҷаҳонро бишуст аз бадӣ.

Пас аз ба тахти шоҳӣ нишастани Фаридун гирди ҷаҳон гашта бо чашмони худ шаҳрҳои вайрону халқи азияткашидаро дида, мардумро ба кори нек даъват намуда, бо дасти онҳо он мулкҳоро ба биҳишти рӯи замин табдил дод:
Биёрост гетӣ ба сони биҳишт,
Ба ҷои гиё сарву гулбун бикишт.

Мувофиқи фикри Фирдавсӣ Фаридун номи худро маҳз, бо кори хубро ба сомон расонидан ва боадолат будан абадӣ гардонд. Агар ҳар кас хоҳад, кидар зиндагиаш шӯҳрат пайдо кунад, бояд аз паи Фаридун равад, мисли вай некӯкору боадолат бошад”.[28]

Фаридун дар давраи пирии худ кишваҳои зери дасташро ба се писараш тақсим намуд. Баъд гузаштани солҳо писарони калониаш Салм ва Тӯр аз пирии падари худ истифода бурда, бародари худ Эраҷро ба қалб расониданд. Бародарони ҷоҳил намехостанд, ки Эраҷ тоҷи шоҳаншоҳиро ба сар ниҳода, ҳукмронӣ кунад. Вале пеш аз марг мақсади бародарони худро пай бурда мегӯяд:
Бад-ӯ гуфт, к-эй меҳтари номаҷӯй,
Агар коми дил хоҳӣ, ором ҷуй.
На тоҷи кай хоҳам акнун, на гоҳ,
На номи бузургӣ, на эронсипоҳ.
Ман Эрон нахоҳам, на Ховар, на Чин,
На шоҳӣ, на густарда рӯи замин.

Фаридун, аз он ки бародарон Эраҷро куштанд, хеле ғамгин, дар ғазаб шуда бошад ҳам, вале наметавонист ба муқобили онҳо мубориза барад. “Ё раб, маро марг

[27] Доктор Бокири Парҳом. Маҷ. Фарҳанг, 1993, № 4-5, саҳ. 53

[28] Мӯсо Раҷабов. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ, саҳ. 92

мадеҳ, то аз фарзандони Эраҷ касеро бубинам, ки кини Эраҷ аз бародарон бихоҳад”.[29] Бинобарон ягона умедаш ба писари дутхари Эраҷ-Манучеҳр буд.

Ҳаме гуфт, к-ин рӯз фархунда бод!
Дили бадсиголони мо канда бод!
Маи равшан оварду пурмоя ҷом,
Маночеҳр додаш Манучеҳр ном.

Пас аз як ҳафтаи марги бобояш Фаридун, Манучеҳри паҳлавон ба тахти шоҳӣ нишаста, ба мардум муроҷиат карда мегӯяд:

Ба доду ба дину ба мардонагӣ,
Ба некиву покиву фарзонагӣ,
Манам гуфт бар тахти гардонсипеҳр,
Ҳама хашму чанг асту ҳама доду меҳр.
Замин бандаву чарх ёри ман аст,
Сари тоҷдорон шикори ман аст.
Ҳамам дину ҳам фарраи эзадист,
Ҳамам бахти некиву дасти бадист...
Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам,
Заминро ба хун ранги дебаҳ кунам...
Ҳар он динвор, к-ӯ на бар дин бувад,
Зи яздону аз ман-ш нафрин бувад.

Мардум суханронии ҷавонпаҳлавон Манучеҳри далерро бо хушнудӣ қабул карданд, ба ӯ офаринҳо хонданд. Аз номи мардуми ҷамъомада зери таъсири суханҳои Манучеҳр Соми паҳлавон илҳом гирифта мегӯяд:

Падар бар падар шоҳи Эрон туӣ,
Гузини далерону шерон туӣ.
Тану ҷон-т яздон нигоҳдор бод!
Дилат шодмон, бахт бедор бод!..
Замину замон хоки паи ту бод!
Ҳамон тахти пирӯза ҷои ту бод!

“Аз гуфти бузургон чунин андеша бармеояд, ки эҳтироми эрониён ба шоҳони одил барои он будааст, ки онондро раиси ҳақиқии кишвар, посдори назму адолат ва шерозаи қавмияти худу ҳофизи масолеҳи мамлакат ва манофеъи мардумон медонистанд”.

---

[29] Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ, саҳ. 91

## Рӯйхати адабиёт

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: “Ӯзбекистон” НМИУ, 2017.-178 б.

2. Мирзиёев Ш. Адабиёт ва санъат, маданиятни ривожлантириш – халқимиз маънавий оламини юксалтиришнинг мустаҳкам пойдеворидир. Ўзбекистон ижодкор зиёлилари вакиллари билан учрашувдаги маърузаси // Халқ сўзи. – 2017 йил, 4 август.

3. Абулқосим Фирдавсӣ. Куллиёт. Иборат аз 9 ҷилд. Душанбе: Адиб, 1987-1990.

4. Абдуллоев Аҳмад. Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987.

5. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992.

6. Анварӣ Сулаймон. Вожаҳои низомӣ дар “Шоҳнома”. – Душанбе: 1995

7. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон. – Душанбе: Ирфон, 1986

8. Алиев Г.Ю. Легенда о Хосраве и Ширин в литературах народов Востока. – М.: Восточная литература, 1960.

9. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. – Душанбе: Дониш, 1989.

10. Аҳмади Шомлу. Адабиёт чи қадр осебпазир аст. Маҷ. Фарҳанг, 1992, № 5-6,

11. Бегдилӣ Ғуломҳусайн. Чеҳраи Искандар дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Искандарнома”-и Низомӣ. – Теҳрон: 1369.